## ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзуи: «Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 -селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Парвариши ҷуворимакка дар кишти асосӣ ва такрорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат мавқеъи муҳимро ишғол менамояд. Аммо таҳқиқотҳои иҷрошуда дар самти парвариш, ва алхусус дар самти селексияи ҷуворимакка ба талаботи имрӯзаи соҳаи аграрии мамлакат пурра ҷавобгӯй намебошад, чунки дар шароити зуд тағйирёбии иқлим навъҳои ихтирошуда хусусиятҳои морфо-биологиашонро гум карда ба гирифтани ҳосили паст ва гирифторшавии касалиҳои занбӯруғӣ оварда расонида истодааст.

Диссертант Ҷ.А. Валиев мақсад гузоштааст, ки навъҳои нав ва дурагаҳои сермаҳсули ҷуворимакка бо давраҳои гуногуни пухтарасии дон дар кишти асосӣ ва такрорӣ, инчунин тобовар ба тағйирёбии иқлим ва устувор ба касалиҳои занбӯруғӣ бо мақсади гирифтани 80-90 сентнер аз 1 гектар ҳосили дон ва самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда барои рӯёнидани 2-3 ҳосил дар 1 мавсим, мавриди таҳқиқоти худ гузорад.

Дар натиҷаи корҳои селекционии муаллиф Валиев Ҷ.А. ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” ихтироъ карда шудааст, ки ҳосилнокии донаш ба 80-85 с/га баробар аст ва нисбат ба навъи назоратии “Зарафшон” 10,5 сентнер аз 1 гектар зиёд аст. Санҷиши истеҳсолии солҳои 2019-2020 нишон доданд, ки ҳосилнокии дони ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” дар хоҷагиҳои вилояти Суғд дар кишти асосӣ 85с/га, такрорӣ 70 с/га-ро ташкил додааст ва кишти он дар масоҳати 30 гектар татбиқ шудааст.

Натиҷаҳои гирифтаи Ҷ.А. Валиевро на фақат дар шароити минтақаҳои Тоҷикистони Шимолӣ, балки дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки бо парвариши ҷуворимакка машғуланд, истифода бурдан мумкин аст, лекин мехостам баъзе аз эъродҳои худро оиди афтореферат иброз намоям, ки вазъи натиҷаҳои ба даст овардаи муаллифро паст наменамояд:

1. Дар саҳ. 10, диаграммаи 1 (Ҳосилнокии дон (с/га) ва давраи нашъунамо) маълумот бо забони тоҷикӣ оварда шуда, лекин дохили диаграмма нишондодҳо оиди давраи сабзиш ва ҳосилнокӣ бо забони русӣ оварда шудааст.
2. Дар саҳ. 14, диаграммаи 4 нишондиҳандаҳои натиҷаи ба дастоварда ба таври саҳеҳ, чуноне, ки дар дигар диаграммаҳо дида мешавад, оварда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсия дар асоси маводҳои муосири ҳозира замон иҷро шуда, мувофиқи талаботи рӯз мебошад. Маълумотҳои овардашуда барои истеҳсолот бисёр муфиданд. Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсионӣ 5 маводи чопшудаи илмӣ таҷассум ёфта, аз он 3 – мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

Аз ин лиҳоз, кори иҷро намударо ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 -селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ шуморида, худи диссертант Валиев Ҷамшед Абдумаликович сазовори унвони номзади илмҳои кишоварзӣ мешуморам.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент,
мудири кафедраи Маҳсулоти хӯрока ва агротехнология,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд Рашидов Н.Ч.
**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи элек.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мудири ШК Ёкубова М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО

21/05/2021 с.